# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) - ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми феврали соли 2025, № 99**

Барои сазовор донистани Манучеҳри Нозимии Раҷабзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит).

Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) санаи 07-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси № 92 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Манучеҳри Нозимии Раҷабзода санаи 18 майи соли 1991 таввалуд шудааст, миллаташ тоҷик. Манучеҳри Нозимии Раҷабзода соли 2009 ба факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, зинаи таҳсилоти бакалавриро соли 2013 бо ихтисоси «Ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит» хатм намудааст. Соли 2013 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуд ва онро соли 2016 хатм намудааст.

Соли 2016 ба сифати докторанти PhD-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Тӯли солҳои 2016-2019 ба ҳайси докторанти PhD дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур таҳсил намудааст.

Аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Ҳукматов Давлатҷон Ҷамшедович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи эксперт номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев А.А. омода карда шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, суратмаҷлиси № 6/2 муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит доктори фалсафа PhD, и.в. дотсент Раҷабзода О.Ҷ., имзо гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар 30 январи соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби мукарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва

аудит) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқикотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмилдиҳии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ" бо талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мебошад.

Довталаб 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

***А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Манучеҳри, Н.Р. Таснифоти дороиҳои биологӣ ва ташкили баҳисобгирии онҳо: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо / Манучеҳри Н.Р. // Кишоварз. –2021.- №3 (92).-С.173-180

2. Манучеҳри, Н.Р. Системаи назорати дохилӣ: Ҷанбаҳои назариявӣ / Манучеҳри Н.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №. 5. – С. 116-121.

3. Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Абдулмуминзода Н.А., Манучеҳри Н.Р. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1(77). – С. 130-149.

4. Манучеҳри, Н.Р. Хусусиятҳои технологию соҳавии парандапарварӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ / Манучеҳри Н.Р.// Кишоварз. – 2022. – № 2 (95) . – С. 150-155.

5. Манучеҳри, Н.Р. Рушди методикаи баҳисобгирии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / С.Ф. Низомов, Манучеҳри Н.Р. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-1 (46). – С. 187-197.

6. Манучеҳри, Н.Р. Мукаммалгардонии таъминоти методии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Б.А. Набиев,

Манучеҳри Н.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023.- № 12. – С. 38-50

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:***

7. Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / С. Ф., Низомов, Манучеҳри Н.Р. // Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80 - солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. Душанбе, 21-23 майи соли 2022. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 150-156.

8. Манучеҳри, Н.Р. Особенности калькулирования себестоимости продукции в птицеводстве / С С.Ф. Низомов, Манучеҳри Н.Р. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2022. – № 3-2(38). – С. 184-189.

9. Манучеҳри, Н.Р. Хусусиятҳои баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ/ Ҳ.А. Акрамова, Манучеҳри Н.Р. // Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд: маводи Конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ Душанбе, 18-19 январи соли 2024. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С. 32-38.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Қодирова Г.Т.** -д.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эрод: аз сабаби он, ки мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои баҳодиҳии дороиҳои биологӣ бештар диққат медод, зеро он дақиқии инъикоси арзиши ҳаққиқии дороиҳои биологии корхонаро дар ҳисобот таъмин менамояд.

**2. Файзуллоев А.Х.**–н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

-мавзуи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиши арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба афзоиши фоидаи корхонаҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ оварда мерасонад;

-мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, бинобар ин дар таҳқиқоти оянда васеъ намудани объект пеш меояд.

**3. Розиев Д.А.** -н.и.и., сармуҳосиби ҶДММ "Исм Тоҷикистон", бо чунин эрод: Дар баробари ин, мавқеи муаллиф доир ба баҳодиҳии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ асосноккунии иловагиро талаб мекунад. Мо мефаҳмем, ки чунин асосноккунӣ дар қисми асосии диссертатсия мумкин оварда шуда бошад, вале мавҷудияти чунин маълумот дар автореферат муҳтавои авторефератро пурмазмун мегардонид.

**4. Ҳасанова Н.Ҷ.** -н.и.и., дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров бо чунин эродҳо:

-асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст;

-дар баъзе ҷадвалҳо ва расмҳо сарчашмаи таҳияашон нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** роҳҳои мукаммалгардонии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, тартиби муайян намудани арзиши аслии маҳсулот дар асоси ҳуҷҷатҳои амалкунандаи танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва талаботи СБҲМ, вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои парандапарварӣ;

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади такмили низоми мавҷудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ, арзишмуайянкунии маҳсулоти корхонаҳои парандапарварӣ тавсия карда шудааст, ки ба нақшаи ҳисобҳои амалкунанда тағйирот ворид карда шуда, стандарти (низомномаи) буҷетикунонӣ таҳия карда шавад, бо ташкил кардани назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ тибқи талаботи менеҷменти корхона барои ташаккули иттилооти эътимоднок заминаи воқеӣ муҳайё мегардад;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи СБҲМ ба роҳ монда намешавад ва баҳри мукаммалгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ вобаста ба хусусиятҳои соҳавии онҳо модели баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти парандапарварӣ коркард карда шудааст;

- ***асоснок карда шудааст***, ки барои корхонаҳои парандапарварии мамлакат ташкил кардани назорати дохилӣ аз рӯйи марказҳои масъулият муфид буда, барои таъмин намудани раванди бомароми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои парандапарварӣ кӯмаки амалӣ мерасонад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои ташаккули асосҳои назариявӣ ва методии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои парандапарварӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ коркардҳои муаллифӣ пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** диалектикии таҳқиқот, ки омузиши таҳаввули руйдодҳо ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд, аз қабили усулҳои умумиилмӣ, ба монанди, абстраксияи илмӣ, мушоҳида, таҳлили мантиқӣ, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Ба сифати усулҳои махсус истифода шудаанд: таърихӣ, системавӣ, гурӯҳбандии оморӣ, комплексӣ, моделронӣ, ҷамъбасткунӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** равиши инфиродии баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, арзишмуайянкунии маҳсулоти парандапарварӣ, исбот карда шудааст, ки дар корхонаҳои парндапарварӣ истифодабарии усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷудбуда, имкон дорад. Ҳамзамон, рушди методикаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ вобаста ба марказҳои масъулият хеле мувофиқ аст;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки вобаста аз сохтори ташкилӣ ва намуди фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ, истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти парандапарварӣ, ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои хоҷагидорӣ, тартиби муайян намудани натиҷаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории онҳо хусусиятҳои фарқкунанда доранд. Бинобар ин, дар баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии ҳар як намуди онҳо дар ҳисобҳои иловагии пешниҳодшуда, мувофиқи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ва муқаррароти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба мақсад мувофиқ аст;

- ***омӯзиши*** асосҳои назариявӣ ва амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бо роҳи буҷетикунонӣ, ташкили марказҳои масъулият дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва ҷавобгарии шахсони масъул ба роҳ монда шуда, методикаи назорати ҳар як намуди хароҷот, натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ бо риоя намудани пайдарпайии расмиятҳои назоратӣ ба рушди методикаи назорати дохилии корхонаҳои парандапарварӣ ва таъминоти иттилоотӣ бо мақсади идоракунии самаранок пешниҳод карда шудааст;

- ***аз нав такмил додани*** методика, ташкил ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ воситаи муҳим ва калидии методологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ мебошад. Дар ин росто асоси мукаммалгардонии таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ коркард карда шудааст ва барои мукаммалгардонии донишҳои иқтисодию ҳуқуқии муҳосибони дар амалия фаъолияткунандаи корхонаҳои соҳа мусоидат менамояд ба ҷо оварда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар вақти коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба такмил додани низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат

дар корхонаҳои парандапарварӣ дар мамлакат истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо ва марказҳои масъулият мавриди татбиқ қарор дода шудаанд;

**- натиҷаҳои таҳқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун базаи иттилоотӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, алалхусус дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонад;

**-коркард ва ҷорӣ карда шуд**: натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тадриси фанҳои тахассусии таълимии факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (маълумотномаи № 03/820 аз 16.10.2023) ва фаъолияти амалии корхонаи воҳиди давлатии "Саноати парандапарварии Тоҷикистон" (маълумотномаи № 26, аз 26 октябри соли 2023), ташкилоти аудиторию консалтингии ҶДММ "Тоҷик Аудит Сервис" (маълумотномаи № 21, аз 14 июни соли 2023) истифода шудаанд;

**-муайян карда шуд,** ки хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ аз дигар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла растанипарварӣ фарқкунанда буда, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили низоми назорати дохилӣ, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ, тартиби ҳуҷҷатикунонии амалиёти хоҷагидорӣ, ба расмият даровардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва чараёни ташкили фаъолияти муҳосибӣ дар ин корхонаҳо равишҳои махсусро талаб мекунанд;

**-офарида шуд:** методикаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирииии хароҷоти истеҳсолӣ, арзишмуайянкунии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ, тартиби баҳисобгирии хароҷоти ин корхонаҳо ва пайдарпайи муайянкунии арзиши маҳсулоти парандапарварӣ, модели низоми назорат дохилӣ, алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин корхонаҳо барои аниқ муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои парандапрварӣ, ки эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявиро таъмин менамоянд;

**-муаррифӣ карда шуд:** самтҳои асосии мукаммал намудани методкаи ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ бо роҳи таъмини масъалаҳои ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои танзими меъёрию ҳуқуқӣ, баланд

бардоштани сатҳи тахассусмандии кормандони соҳаи баҳисобгирӣ, рушди методии ҳуҷҷатгузории амалиёти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва ташаккули низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- назарияи таҳқиқ дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил, ки ба таҳқиқи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ машғул шудаанд, инчунин натиҷаи фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯйи сегментҳо, бизнес – ҷараёнҳо, сохторҳои таркибӣ ва ғайраҳо ташаккул ёфтааст;

- **ғояи таҳқиқот дар** асоси барномаҳои давлатии рушди соҳаи парандапарварӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили дастурҳо, барномадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ба андешаи олимони соҳаи иқтисодӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил ва аудит, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти корхонаҳои парандапарварии ватанӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet» инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** оид ба такмил ва рушди методикаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назорати дохилӣ ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои парандапарварӣ истифода шудааст.

## Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ва рушди корхонаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад.

- мукаммал намудани методикаи ташаккул ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои парандапарварӣ ба мутобиқ намудани ин низом ба талаботҳои СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки боиси боло рафтани рақобатпазирии корхонаҳои парандапарварӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, тақвияти иқтидори ҷалби сармояи хориҷӣ ба мамлакат, дар заминаи истифодаи усулҳои муосири пешниҳоди иттиллооти молиявӣ ба истифодабарандагони дохилию берунӣ бо дарназардошти татбиқи талаботҳои СБҲМ дар таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мегардад.

- муаллиф методикаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои парандапарварӣ дар заминаи ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ, илмӣ ва амалӣ таҳлил намудааст ва пешниҳоду тавсияҳо кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро ҳангоми коркардабарории муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукамалгардонии заминаҳои меъёрию ҳуқуқии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан бамаврид мебошад.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (маълумотномаи № 03/820 аз 16.10.2023), Корхонаи воҳиди давлатии “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” (маълумотномаи № 26, аз 26 октябри соли 2023), ташкилоти аудиторию консалтингии ҶДММ "Тоҷик Аудит Сервис" (маълумотномаи № 21, аз 14 июни соли 2023);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,1 ҷ.ч. нашр гардидааст, аз ҷумла, 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2016-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 15.02.2025 қарори сазовор донистани Манучеҳри Нозимии Раҷабзода бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктороintroduction илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро 15 нафар овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**15.02.2025**